## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи: «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ–назариявӣ», барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи: «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ», ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар тӯли таърихи ташаккул ва рушди давлату ҳуқуқ, масъалаи ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамеша ҳамчун яке аз нишонаҳои асосии сатҳи ҳуқуқбунёдӣ ва адолати ҷомеа баромад кардааст. Ҳуқуқу озодиҳои шахс танҳо дар сурате дорои арзиши воқеӣ мегарданд, ки барои онҳо механизми самараноки ҳимоя, пеш аз ҳама ҳимояи судӣ, мавҷуд бошад. Аз ин рӯ, ҳимояи судӣ на танҳо унсури амалии низоми ҳифзи ҳуқуқ, балки падидаи мураккаби таърихӣ ва назариявӣ мебошад, ки ташаккул ва инкишофи он ба равандҳои умумии рушди давлатдорӣ, мафҳумҳои адолат, қонун ва ҳуқуқи инсон зич алоқаманд аст.

Бо вуҷуди аҳаммияти калидии институти ҳимояи судӣ, дар илми ҳуқуқ то имрӯз як қатор масъалаҳои баҳсталаби марбут ба моҳият, мазмун ва ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқ боқӣ мондаанд. Пеш аз ҳама, дар таҳқиқоти илмӣ аксаран ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун падидаи муосир ё институти соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва мурофиавӣ баррасӣ мегардад, дар ҳоле ки решаҳои таърихӣ ва асосҳои назариявии ташаккули он дар марҳилаҳои гуногуни рушди давлат ва ҳуқуқ ба таври кофӣ таҳлил нашудаанд. Ин ҳолат боиси маҳдуд гардидани фаҳмиши илмӣ дар бораи табиати воқеии ҳимояи судӣ мегардад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот аз он низ бармеояд, ки дар таълимоти ҳуқуқӣ фаҳмишҳои гуногун ва баъзан мухолиф нисбат ба мафҳуми ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс вуҷуд доранд: аз як тараф, он ҳамчун кафолати конститутсионӣ, аз ҷониби дигар, ҳамчун принсипи умумиҳуқуқӣ ё шакли махсуси ҳуқуқтатбиқнамоӣ арзёбӣ мешавад. Набудани равиши ягонаи назариявӣ ва таҳлили таърихии ин институт имконият намедиҳад, ки ҷойгоҳи воқеии он дар низоми мафҳумҳои бунёдии назарияи ҳуқуқ ва давлат муайян карда шавад.

Дар ҳамин замина, таҳқиқоти таърихӣ-назариявии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс аҳаммияти махсус пайдо мекунад, зеро он имкон медиҳад

раванди ташаккул ва таҳаввули ғояи ҳимояи судӣ аз шаклҳои ибтидоии адолати судӣ то фаҳмиши муосири он ҳамчун кафолати умумибашарии ҳуқуқу озодиҳои шахс ошкор гардад. Омӯзиши таҷрибаи таърихӣ ва таълимоти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки тағйирёбии нақши суд ва ҳимояи судӣ ҳамеша бо дигаргуншавии фаҳмиши давлат, ҳуқуқ, шахс ва муносибати байни онҳо ҳамқадам будааст.

Мубрамияти мавзуъ ҳамчунин бо зарурати барқарор намудани пайванди илмӣ байни таърихи ҳуқуқ, назарияи ҳуқуқ ва равандҳои муосири рушди низоми ҳифзи ҳуқуқ муайян мегардад. Дар шароити ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ ва афзоиши таваҷҷуҳ ба арзишҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ имкон медиҳад, ки на танҳо таҷрибаи гузашта, балки қонуниятҳои умумии рушди институти ҳимояи судӣ муайян карда шаванд, ки барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқ ва давлат аҳамияти методологӣ доранд.

Ҳамин тариқ, мавзуи таҳқиқоти «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» аз лиҳози илмӣ мубрам, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва аз нигоҳи таърихӣ саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дараҷаи навгонии илмии диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар он ифода меёбад, ки дар доираи илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат бори аввал ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун падидаи мустақили таърихӣ–назариявӣ мавриди таҳлили мукаммал қарор дода шудааст. Агар дар таҳқиқоти қаблӣ масъалаи ҳимояи судӣ асосан дар заминаи ҳуқуқи конститутсионӣ, мурофиавӣ ё фаъолияти амалии судҳо баррасӣ гардида бошад, дар диссертатсияи мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба ошкор намудани решаҳои таърихӣ, таҳаввули назариявӣ ва қонуниятҳои ташаккули ин институт дар робита бо рушди давлат ва ҳуқуқ равона шудааст.

Муаллиф бори аввал дар сатҳи назариявӣ нишон медиҳад, ки ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс на танҳо шакли татбиқи ҳуқуқ ё кафолати мурофиавӣ, балки категорияи бунёдии назарияи ҳуқуқ ва давлат мебошад, ки дорои мазмун, вазифа ва қонуниятҳои рушди худ аст. Ин равиш имкон фароҳам овардааст, ки ҳимояи судӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳими муносибати «давлат-шахс» ва сатҳи камолоти ҳуқуқии ҷомеа баррасӣ гардад.

Навгонии илмии таҳқиқот, инчунин, дар таҳлили марҳилавии ташаккул ва рушди ғояи ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс зоҳир мегардад. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таърихӣ ва назариявӣ нишон медиҳад, ки тағйирёбии фаҳмиши ҳимояи судӣ ҳамеша бо таҳаввули мафҳумҳои адолат, ҳуқуқи табиӣ, ҳуқуқи субъективӣ, мақоми суд ва нақши давлат дар ҳифзи шахс алоқаманд будааст. Дар натиҷа, даврабандии илмии рушди институти ҳимояи судӣ пешниҳод мегардад, ки дорои аҳаммияти назариявӣ мебошад.

Дар диссертатсия бори аввал робитаи мутақобилаи байни ташаккули

ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ва рушди принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд аз нигоҳи таърихӣ-назариявӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф исбот менамояд, ки сатҳи рушди ҳимояи судӣ на танҳо натиҷаи ислоҳоти ҳуқуқӣ, балки ифодаи тағйирёбии ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар ҷомеа мебошад.

Ба ҳимоя нуктаҳои зерини илмӣ пешниҳод карда мешаванд:

– хулоса дар бораи он ки ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс падидаи таърихӣ-назариявӣ буда, ташаккул ва рушди он ба таҳаввули ғояҳои адолат, ҳуқуқ ва давлат вобастагии зич дорад;

– асосноккунии мавқеи ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун категорияи мустақили умуминазариявии ҳуқуқ, ки ҷойгоҳи муайянро дар низоми мафҳумҳои бунёдии назарияи ҳуқуқ ва давлат ишғол менамояд;

– даврабандии марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди институти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар таълимоти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи таърихии давлатдорӣ;

– хулоса дар бораи вобастагии рушди ҳимояи судӣ аз таҳаввули мақоми суд дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва тағйирёбии фаҳмиши муносибати байни давлат ва шахс;

– исботи он ки ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои калидии давлати ҳуқуқбунёд баромад намуда, таҳқиқи таърихӣ-назариявии он дорои аҳаммияти методологӣ барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқ ва давлат мебошад;

Дар маҷмуъ, навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада шубҳаовар набуда, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда бо таҳлили амиқи таърихӣ ва асосноккунии назариявӣ таъмин гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия баёнгардида бо истифодаи маҷмуи усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ, таҳлили амиқи адабиёти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ, инчунин омӯзиши пайдарпайи равандҳои ташаккул ва рушди институти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс таъмин карда шудаанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот равишҳои таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлили низомӣ ва усули тафсири доктриналиро ба таври ҳамгиро истифода намудааст, ки ин ҳолат ба ҳосил шудани хулосаҳои асоснок ва илмӣ мусоидат кардааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, ба он асос меёбад, ки хулосаҳои илмӣ дар заминаи таҳлили васеи таълимоти ҳуқуқӣ, осори мутафаккирони классикӣ ва муосири ҳуқуқшиносӣ, инчунин таҳқиқи таҷрибаи таърихии давлатдорӣ ва адолати судӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф ба манбаъҳои боэътимод, аз ҷумла осори илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқии таърихӣ ва муосир такя намуда, мавқеи худро дар асоси муқоисаи

назария ва равандҳои воқеии рушди ҳуқуқ асоснок мекунад.

Хулосаҳо бо пайдарпайии мантиқӣ, мутобиқати онҳо ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи диссертатсия ва ҳамчунин бо мувофиқати дохилии натиҷаҳои таҳқиқ тавсиф мешаванд. Дар кор ҳар як мавқеи илмӣ на ҳамчун иддаои ҷудогона, балки ҳамчун унсури низоми умумии назариявӣ пешниҳод гардида, дар ҳамбастагӣ бо дигар хулосаҳо асоснок карда шудааст.

Боиси таъкид аст, ки хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия бо таҳлили интиқодии мавқеъҳои илмии мавҷуда ҳамоҳанг буда, дар онҳо дидгоҳҳои гуногун ба таври низомнок баррасӣ шудаанд. Муаллиф аз мавқеи яктарафа худдорӣ намуда, афзалият ва маҳдудиятҳои равишҳои назариявии гуногунро ошкор сохта, дар ин замина мавқеи илмии худро асоснок менамояд.

Дар маҷмуъ, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта шубҳаовар набуда, онҳо ба талаботи корҳои илмии сатҳи номзадӣ мутобиқ мебошанд ва дорои арзиши назариявӣ ва методологии устувор мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи: «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 183 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи илмии масъала, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, объект ва мавзуи таҳқиқ муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, дар ин қисмат навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва методологии натиҷаҳо, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳо, усулҳои таҳқиқ ва заминаи меъёрӣ–манбаъии диссертатсия таҷассум ёфтаанд.

**Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар масири таърих»** ба таҳлили ҳамаҷонибаи ташаккул ва рушди таърихии ҳуқуқу озодиҳои шахс ва институти ҳимояи судии онҳо бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф бо такя ба равиши таърихӣ–назариявӣ, равандҳои ташаккули ҳуқуқи шахс ва механизмҳои ибтидоӣ ва минбаъдаи ҳимояи онро аз давраҳои қадим то ташаккули низоми муосири ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон таҳқиқ менамояд.

Дар зербоби якум «Таърихи ҳуқуқи шахс: аз қадим то имрӯз» масъалаи пайдоиш ва рушди ҳуқуқи шахс ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф баён медорад,ки  дар ин таҳқиқот, ба таҳлили ҳуқуқи шахс тавассути манбаъҳои асосии таърихии ҳуқуқи инсон назар андохта мешавад, зеро, рӯ овардан ба таърихи ҳуқуқи шахс ва сайри таърихӣ имкон намедиҳад, ки доир ба ҳуқуқи инсон дар доираи муносибатҳои вертикалӣ, ки байни давлат ва шахс пайдо мешаванд, ҳарф занем (саҳ.18).

Муаллиф бо далелҳои таърихӣ исбот менамояд, ки ҳанӯз дар ҷомеаҳои ибтидоӣ унсурҳои муайяни ҳифзи ҳуқуқҳои табиии инсон, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, моликият, оила ва амният вуҷуд дошта, онҳо бештар тавассути худмуҳофизат, урфу одат ва қарорҳои ҷамъиятӣ таъмин мегардиданд. Таҳлил нишон медиҳад, ки "ҳар як тамаддуни бостон дар чорчӯбаи арзишҳои худ кӯшиш мекард, ҳуқуқи инсонро – агарчӣ дар сатҳи маҳдуд – танзим ва ҳифз намояд. Ҳамчунин, дар дигар марказҳои тамаддуни қадимӣ низ меъёрҳо ва анъанаҳои ҳуқуқие шакл гирифта буданд, ки инсонро ҳамчун субъекти дорои ҳуқуқ то андозае эътироф мекарданд ва ҳимояи баъзе ҳуқуқҳои ӯро таъмин менамуданд" (саҳ.22).

Дар зербоби дуюм «Таърихи пайдоиш ва рушди институти ҳимояи судии ҳуқуқи шахс» равандҳои ташаккули ҳимояи судӣ ҳамчун шакли махсуси ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ мегарданд. Муаллиф рушди ин институтро аз шаклҳои ибтидоии худсудкунӣ ва адолати асотирӣ то ташаккули суд ҳамчун ниҳоди мустақили ҳокимияти давлатӣ пайгирӣ менамояд. Дар ин замина, нақши қонунҳои Ҳаммурапи, қонунгузории Юнону Рими қадим, инчунин таъсири таълимоти фалсафӣ ва ҳуқуқи табиӣ ба рушди адолати судӣ таҳлил карда мешаванд.

Институти ҳимояи судӣ дорои таърихи амиқи фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки ташаккули он натанҳо дар низомҳои ҳуқуқии давлатӣ, ба монанди Мисри қадим, Юнони бостон ва Рими классикӣ аст, балки решаҳои амиқ дар анъанаҳои динӣ ва ахлоқии тамаддунҳои шарқӣ, аз ҷумла, дар таълимоти зардуштӣ ва меъёрҳои исломӣ низ дорад. Ин нишон медиҳад, ки мафҳуми ҳимояи ҳуқуқ ба инсон дар заминаи маънавӣ ва иҷтимоии тамоми ҷомеаҳо реша дошта, падидаи «ғарбӣ» нест (саҳ.51).

Дар идомаи таҳлил, марҳилаҳои нави рушди ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар давраи муосир, бахусус ташаккули низоми байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Муаллиф нақши санадҳои универсалӣ, аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, паймонҳои байналмилалӣ ва фаъолияти созмонҳои байналмилалиро дар таҳкими ҳимояи судии ҳуқуқҳо нишон медиҳад.

**Боби дуюми** диссертатсия ба таҳлили «Рушди танзим ва кафолати татбиқи ҳуқуқи асосии инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судӣ» бахшида шудааст. Дар доираи

ин боб муаллиф ҳаматарафа танзими ҳуқуқии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, механизмҳои судии ҳифзи ҳуқуқи инсон, кафолатҳои амалӣ гардидани ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судирро баррасӣ намудааст.

Муаллиф дар ин боб аз таҳлили таърихӣ ба таҳлили назариявӣ мегузарад ва масъалаи ҳимояи судиро дар низоми мафҳумҳо, категорияҳо ва принсипҳои умумии назарияи ҳуқуқ ва давлат мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Таҳлили манбаъҳои ҳуқуқии таърихӣ ва муосир нишон медиҳад, ки ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ин натанҳо механизми амалӣ, балки ҷузъи ҷудонопазири табиати ҳуқуқи инсон мебошад, ки тавассути фаъолияти мақомоти мустақил, махсусан суди конститутсионӣ, татбиқ мегардад (саҳ.99).

Муаллиф механизмҳои судии ҳифзи ҳуқуқи инсонро таҳлил намуда, иброз медорад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон як қатор институтҳо ва созмонҳои ҳуқуқии дохилӣ ва байналмилалӣ мебошанд, ки мақсадашон таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосии шаҳрвандон аст (саҳ.102).

Муаллиф ба таври илмӣ исбот менамояд, ки ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дорои хусусияти байнисоҳавӣ мебошад, зеро он маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, маданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва мурофиавиро дар бар мегирад. Дар боб нишон дода мешавад, ки новобаста аз гуногунии шаклҳои мурофиавӣ, ҳимояи судӣ ҳамчун институти ягона амал намуда, ҳадафи асосии он – таъмини адолати судӣ ва барқарорсозии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахс мебошад (саҳ.109).

Дар боб масъалаи кафолатҳои судии ҳуқуқу озодиҳои шахс мавриди баррасии алоҳида қарор мегирад. Муаллиф нишон медиҳад, ки кафолати ҳимояи судӣ на танҳо бо муқаррароти расмии конститутсионӣ, балки бо мавҷудияти механизми воқеии муроҷиат ба суд, баррасии одилонаи парванда ва иҷрои қарорҳои судӣ таъмин мегардад. Дар ин замина, мушкилоти амалишавии ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ дар шароити муосир низ ба таври интиқодӣ арзёбӣ карда мешаванд.

**Боби сеюми** диссертатсия «Мақомоти судӣ – асоси кафолати ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таҳлили ҷанбаҳои муосири амалишавӣ ва аҳаммияти методологии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс бахшида шуда, дар он муаллиф масъалаи ҳимояи судиро дар робита бо рушди давлати ҳуқуқбунёд, кафолатҳои конститутсионӣ ва механизмҳои амалии татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ин боб хусусияти ҷамъбастӣ дошта, натиҷаҳои назариявии бобҳои қаблиро бо мушкилоти амалии ҳимояи судӣ пайваст менамояд.

Дар боб муаллиф нақши ҳокимияти судиро ҳамчун кафили асосии ҳифзи

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳлил намуда, исбот мекунад, ки маҳз суд ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ вазифаи мувозинаткунанда байни давлат ва шахсро иҷро менамояд. Дар ин замина, ҳимояи судӣ ҳамчун воситаи боздорандаи худсарии мақомоти давлатӣ ва механизми барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда арзёбӣ мегардад.

Муаллиф ба таври асоснок хулосабарорӣ менамояд, ки «ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ дар ҳамаи ҳолатҳо, ҳатто дар шароити ҳолатҳои фавқулодда маҳдуд намешавад ва хусусияти мутлақ дорад. Он ҳамчун ҳуқуқи мурофиавии асосӣ дониста мешавад, ки таҳти ҳимояи қонун ва меъёрҳои байналмилалӣ қарор дорад» (саҳ.152).

Хулосаи диссертатсия натиҷагирии умумии таҳқиқот буда, 13 банди дорои аҳаммияти назариявиро дар бар мегирад, ки онҳо ба ошкор намудани моҳият, табиати ҳуқуқӣ ва қонуниятҳои ташаккул ва рушди ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар раванди таърихӣ ва дар низоми назариявии ҳуқуқ ва давлат равона шудаанд. Дар хулосаҳо ҷойгоҳ ва нақши ҳимояи судӣ ҳамчун институти бунёдии давлати ҳуқуқбунёд, робитаи он бо рушди мақоми суд, муносибати «давлат-шахс», инчунин аҳаммияти методологии таҳқиқи таърихӣ-назариявии ин институт ҷамъбаст гардидааст.

Ҳамзамон, дар хулосаи диссертатсия 4 банди дорои аҳаммияти амалӣ пешниҳод шудаанд, ки онҳо ба такмили фаҳмиши илмии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ дар рушди назарияи ҳуқуқ ва давлат, инчунин ба такмил додани равишҳои илмӣ дар таҳқиқоти минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи инсон ва адолати судӣ нигаронида шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар ғанӣ гардондани назарияи ҳуқуқ ва давлат тавассути таҳлили таърихӣ–назариявии институти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ифода меёбад. Хулосаҳои илмӣ метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва адолати судӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалӣ дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, амалияи судӣ ва раванди таълимӣ зоҳир мегардад.

Аҳаммияти иқтисодӣ бо таҳкими волоияти қонун, устувории ҳуқуқӣ ва беҳтар шудани фазои муносибатҳои иқтисодӣ вобаста мебошад.

Аҳаммияти иҷтимоӣ дар баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими адолати иҷтимоӣ ва афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба низоми судӣ ифода меёбад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 13 мақолаи илмӣ, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар маҷалаҳои дигар ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф ба таври мустақилона таҳия гардида, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, инчунин маводи чопшудаи илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро ба таври равшан тасдиқ менамоянд. Илова ба ин, хусусиятҳои тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ гувоҳи саҳми мустақим ва шахсии муаллифи диссертатсия мебошанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди сатҳи баланди илмӣ ва арзиши назариявии диссертатсия, дар кори мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки метавонанд мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гиранд:

1. Бо дарназардошти хусусияти таърихӣ-назариявии таҳқиқот, дар як қатор қисматҳо, бахусус ҳангоми таҳлили марҳилаҳои алоҳидаи рушди институти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс, ҳаҷми маводи таърихӣ нисбатан васеъ буда, дар баъзе мавридҳо метавонад боиси камтар равшан гардидани хулосаҳои умуминазариявӣ гардад. Мумкин буд дар чунин ҳолатҳо ҷамъбасти таҳлилҳо ба таври фишурдатар пешниҳод карда шавад.

2. Дар диссертатсия таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили таърихӣ ва доктриналии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс равона гардидааст, дар ҳоле ки ҷанбаҳои муқоисавӣ бо низомҳои ҳуқуқии муосири хориҷӣ метавонанд дар баъзе қисматҳо муфассалтар инъикос ёбанд. Густариши таҳлили муқоисавӣ имкон медод, ки баъзе хулосаҳои назариявӣ боз ҳам қавитар асоснок гарданд.

3. Бо назардошти он ки диссертатсия асосан хусусияти таърихӣ-назариявӣ дорад, қисмати тавсияҳои амалӣ бештар хусусияти методологӣ касб менамояд. Дар ин замина мумкин буд, ки баъзе пешниҳодҳо бо ишорахои мушаххастар ба имконияти татбиқи онҳо дар амалияи судии муосир такмил дода шаванд.

Камбудиҳои зикршуда, ба арзиши илмӣ, навгонии натиҷаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия таъсири манфии ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва рушди мавзуи таҳқиқ хизмат намоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи: «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
профессори кафедраи

**Муқарризи расмӣ:**
Директори Муассисаи давлатии
“Маркази барномаҳои байналмилалӣ”
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Одиназода Р.

**Имзои** Одиназода Р. – **ро тасдиқ мекунам:**
Мудири бахши коргузорӣ, кадр ва ҳуқуқ Имомзода М.
11.02.2026

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 47,
E-mail: ramazon-84@mail.ru,
Тел. корӣ: 223-23-59: Тел: моб.: 00 – 500 – 74 – 74.